«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т.,
профессор Ибодуллозода А.И. ____________
«_08_» ____05____ 2024

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Мирзо Муҳаммад Рустоӣ Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии исломии Афғонистонро соли 2009 бо ихтисоси забоншиносӣ хатм намудааст (Шаҳодатномаи дипломи баробарзишӣ, силсилаи ДМ-ОК 0001156. Фармоиши №44 аз 10 январи соли 2011).

Рустоӣ Мирзо Муҳаммад магистратураи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи дараҷаи магистри филология, аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст (дипломи ДММ № 000481, аз 5 июли соли 2012, рақами қайд 52)

Рустоӣ Мирзо Муҳаммад мувофиқи фармони №753-ОД аз 15.12. 2014 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантура, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти тоҷик дар назди кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро мувофиқи фармони №636-ОД, аз 30.12.2017 хатм кардааст.

**Роҳбари илмӣ** – Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.04.2016, таҳти № 5/7.2 тасдиқ гардидааст.

**Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар байни қавму халқиятҳои Афғонистон чун як шахсияти сиёсиву иҷтимоӣ шӯҳрату нуфузи зиёде дошта бошад ҳам,

вале мақоми адабиву осори эшон ба ғайр аз доираи танги шуарову нависандагони ҳавзаи адабии Афғонистон ношинохта ва таҳқиқнадида боқӣ мондааст. Омили муҳимми ношинохта мондани ин адиб миёни фарҳангиён ҳузури табъидгунааш дар Кобул ва зери назар қарор доштанаш аз ҷониби ҳукумати вақт маҳсуб меёфтааст.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал оид ба рӯзгору осор ва ҷойгоҳу мақоми шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ таҳқиқоти хуберо анҷом дода, оид ба масъалаҳои гуногуни мавзуи таҳқиқшаванда хулосаҳои дақиқ баровардааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳои мушаххас гузоштааст:

- баррасии авзоъ ва ҳолоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи зиндагии шоир бо такя ба сарчашмаҳои муътамади адабӣ, таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосир;

- зиндагӣ, кор ва фаъолияту таъсири вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ба ҳаёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бар асоси маохизи адабӣ ва таърихӣ;

- муқоисаи абёти девони чопшудаи феълии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо девони қаблиаш;

- таҳқиқ ва дақиқ намудани теъдоди ғазалиёти пурра ва нопурраю сохтори маҷмуаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;

- таъини баҳр ва авзону нишон додани он дар ғазалиёти шоир;

- таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи қофия ва радиф дар ғазалиёти шоир бо овардани мисолҳои мушаххас;

- баррасии вижагиҳои забон ва сабки баёни Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ;

- муайян намудани нақш, маҳорат ва истеъдоди фитрии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар истифода аз саноеи бадеӣ

**Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** нашрҳои мухталифи осори шоир, ки дар шакли матбуъ дар чопхонаҳои Эрон, Ҳиндустону Кобул дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд, махсусан: 1.“Паёми Шимол”- Бамбай- Ҳиндустон, 1276- 256 с.; 2. Девони ашъор. - Бамбай - Ҳиндустон, 1276- 153 с. 3. Неруи ишқ. - Кобул,1338- 114 с. 4. Таърихи ғариб. - Бамбай (Ҳиндустон), 1359.- 254 с. 5. Андарзҳои Паёмбар шомили шаш дафтар:тарҷумаи манзуми ҳадисҳо. гузидаи Гулистон Мустафавӣ, гулчини Маърифат, Ояти Валаср, мунтахаботи Ҳадиси Набавй ва Далилул Ҳудо.- Теҳрон, 1391.-339 с. 6. Машъали Тур шомили (Маҷмуъаи Рубоиёт ва Дубайтиҳо)-Кобул, 1393- 99 с.7. Ганҷинаи асрор ва Қувваи воҳима.-Кобул, 1393- 140 с. 8.Ҷомеъ-ул ҳадис.- Ганҷинаи асрор ва Қувваи воҳима.-Кобул, 1393- 140 с. 9. Росих-ул-ақоид.- Кобул, 1394.- 120 с 10.. Хамсаи Каёнӣ, шомили панҷ дафтар:( Саодатнома, Кашфул асрор, Куллиёти Саодат, Гули

Сурӣ ва Лоҳутӣ).-Кобул, 1394.- 196 с. 11.Баҳр-ул-маонӣ. - Кобул, 1394- 115 с. мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқи диссертатсиониро асарҳои илмию назариявии донишмандон ва муҳаққиқони адабиёти муосири форсии тоҷикӣ С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Б. Ғафуров, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Насриддинов, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, А. Қавим, Қадамалии Некпай, Сайид Иршод Маънавӣ, Сайид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ, Доктор Фиребо Фарҳат, Шуҷоуддини Хуросонӣ ва дигарон ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои муқоисавӣ-таҳқиқӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ ва таҳқиқи типологии жанрҳо истифода намудааст.

**Нововарии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик, форсии дарӣ аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти зиндагинома ва таҳлили осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мебошад. Инчунин, бори нахуст дар ин диссертатсия масъалаҳои забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф, хусусиятҳои бадеии ашъори шоир дар доираи як асари мустақил дар заминаи таҳқиқоти монографӣ бо доираи пажуҳиш кашида шудаанд.

**Арзиши назарӣ ва амалии** таҳқиқро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ, дарӣ, адабиётшиносӣ, накди адабӣ, сабкшиносӣ, робитаҳои адабӣ, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълим аз таърихи адабиёти муосири форсии тоҷикӣ ва дарӣ ҳамчунин чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти муосири форсии дарии Афғонистон истифода кард. Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсия ҳангоми таҳия ва таълифи бахшҳое аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири дарии Афғонистон, накди адабӣ, назарияи адабиёт, назмшиносӣ, сабкшиносӣ, каломи бадеъ, навиштани диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, рисолаҳои магистрӣ, корҳои дипломӣ ва корҳои курсӣ истифода бурда мешавад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар 9 мақола инъкос ёфта, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Рустоӣ М.М. Шинохте аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе,2018. №4 (76). – С.198-204.

**[2-М].** Рустоӣ М.М. Сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ). Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №2. – С.54-64.

**[3-М].** Рустоӣ М.М. Бозтоби ишқ дар ғазалёти Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. №6. – С.242-246.

**[4-М].** Рустоӣ М.М. Сохт ва таркиби ғазалиёти Каёнӣ / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. №1 (84). – С.166-169.

**[5-М].** Рустоӣ М.М. Шахсияти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз диди дигарон / М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, №8. – С.250-258.

**[6-М].** Худойдодов А.О., Рустоӣ М.М. Хусусиятҳои бадеии ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ / А.О. Худойдодов, М.М. Рустоӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. №3 (104). – С.125-131.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигари илмӣ:**

**[7-М].** Рустоӣ М.М. Инъикоси мадҳ дар ашъори Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ [Матн] / М.М. Рустоӣ (Маъруза) // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику узбек: гузашта, ҳозира ва оянда”, дар иртибот ба ифтихори 31 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145 солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику узбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Узбекистон (27-28.04.2023). – Душанбе, 2023. – С.235-236.

**[8-М].** Рустоӣ М.М. Мухтасарбаҳсе дар бораи шоистасолорӣ / М. М. Рустоӣ // Маҷаллаи илмии “Тубён”-и Академияи улуми Афғонистон. – Кобул, 1382. №5. – С.1-8.

**[9-М].** Рустоӣ М.М. Баррасии ҳолатҳои сегонаи санъати ташбеҳ дар ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ [Матн] / М.М. Рустоӣ (Маъруза) // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.281-285.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»-ро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №10, аз 30.04.2024

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Салихов Шамсиддин Аслиддинович

**Котиби илмии кафедра,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш.А.Солеҳов ва А.А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj